# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷураева Хубонгул Ёрмаҳмадовна дар мавзӯи «Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии шоирони Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмии филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Ҳавзаи адабии Ҳисор, ки яке аз ҳавзаҳои шинохта дар таърихи адабиёти Бухорои Шаркӣ мақом ёфта буд, баъд аз Самарқанду Бухоро яке аз ҳавзаҳои муҳими адабӣ дар Мовароуннаҳр ҳисоб меёфт.

Интихоби мавзӯъ аз ҷониби муаллифи рисола аз аҳаммият холӣ нест. Зеро муаллиф то ҳадде кӯшидааст, то ба баъзе гӯшаҳои торики таърихи адабиёти тоҷик рӯшанӣ андозад. Мавзӯъ дар таърихи адабиёти тоҷик нисбатан нав аст.

Муҳаққиқ дар баробари омӯзиши ҳаёт ва мероси адабии шоири охири асри XVIII ва аввали асри XIX Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ, инчунин, паҳлуҳои норавшани адабиёти водии Ҳисорро зери таҳқиқ гирифтааст, ки ин такони ҷиддие дар муаррифии ҳавзаи адабии Ҳисор мебошад. Дар баробари омӯзиши ҳаёти шоири асри XVIII-XIX Ҳасрати Ҳисорӣ, инчунин, оид ба ҳар як шоири ин аҳд маълумоти муфассал додааст.

Кори илмӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима гузориши масъала, дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ, аҳаммияти назариявию амалии он, усул ва ҳадафи вазифаи таҳқиқ асоснок шудаанд.

Боби аввали рисола, ки “Муҳити сиёсию адабии водии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX” ном гирифта, дорои ду фасл мебошад. Мавзӯъ аз ҷониби муҳаққиқ хуб ҳалли худро ёфтааст.

Боби дуввуми рисола “Шарҳи ҳоли Мирзо Ҳасрат ва мероси адабии ӯ” унвон гирифта, ду фаслро дар бар гирифтааст. Муаллифи рисола бо такя ба маъхазҳои нав ҳаёти шоирро мавриди омӯзиш қарор додааст, ки ин яке аз комёбиҳои муҳаққиқ аст. Дар асоси маъхазҳои мавҷуда

Ҷураева Хубон шарҳи ҳоли шоирро пурра намудааст, ки ҷанбаи илмии корро қавӣ мегардонад.

Боби севуми рисола “Таҳлили мавзӯоти ашъори Мирзо Ҳасрат” ном гирифтааст. Дар ин боб ба таври муъҷаз перомуни мавзӯъҳои ашъори шоир маълумот додааст.

Ҳасрати Ҳисорӣ яке аз шоирони маъруфи ҳавзаи адабии водии Ҳисор буда, шуҳрати ӯ на танҳо як водиро дар бар гирифтааст, балки фаротар аз ҳавзаи адабии Ҳисор доман густурдааст. Шоир, инчунин, бо ҳавзаҳои Самарқанду Бухоро, ки он вақт маркази илму адаб ва фарҳангу тамаддуни тоҷикон ба шумор мерафт, иртиботи комили адабӣ доштааст, ки ин аз соҳибшуҳрат будани шоир дарак медиҳад.

Бо назардошти муҳиммият, тавсифи умумии кор, навгонии илмӣ, таъйиди таҳқиқот ва иттилоот, натиҷаҳо ва сохтору ҳаҷми кори таҳқиқотии Ҷураева Хубонгул Ёрмаҳмадовна дар мавзӯи «Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии шоирони Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX» кори анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, ба талаботи пешниҳодкардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, худи муаллифи рисола барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор аст.

Мудири кафедраи забони тоҷикӣ
ва ҳуҷҷатнигории Донишкадаи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
н.и.ф., дотсент — Шарипов Шариф Раҳмонович

Имзои Ш.Шариповро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишкадаи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Саъдуллоев Шамсиддин Сайфиддинович

15. 09.2019.